20 08 2018

## МУЛОКОТИ САТХИ ОЛИИ ТОЧИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН

**17 август дар шахри Тошкент дар доираи сафари давлатии Асосгузори сулху вахдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон мулокоту музокироти сатхи олии Точикистону Ӯзбекистон баргузор шуд.**
Дар чараёни мулокоти хоссаи сарони давлатхои Точикистону Ӯзбекистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мухтарам Шавкат Мирзиёев масъалахои тахкими робитахо дар сохахои калидии хамкории дучониба баррасӣ гардиданд. Сарони ду давлат ба таври амик оид ба масъалахои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтакавӣ табодули андеша карданд.
Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба Президенти Чумхурии Ӯзбекистон мухтарам Шавкат Мирзиёев барои даъвати ташриф ва анчом додани сафари давлатӣ, инчунин, пазироии самимӣ, изхори сипос карда, итминон намуданд, ки мулокоти имрӯза ба раванди рушди босуботи мачмӯи муносибатхои неки хамсоягии кишвархо такони чиддӣ мебахшад.
Сипас, муносибатхои дӯстию хамкорӣ дар мулокоти васеъ бо иштироки хайатхои расмии ду чониб баррасӣ шуданд.
Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон таъкид доштанд, ки дар сиёсати хоричии Точикистон хамкорӣ бо Ӯзбекистон хамеша яке аз чойхои махсуси афзалиятнокро касб менамояд.
Таъкид гардид, ки равобити мутакобилаи Точикистону Ӯзбекистон аз муносибатхои хамчаворию каробати халкхои мо, дӯстии бисёрасра ва эхтироми мутакобила сарчашма мегиранд. Имрӯз бастаи калони санадхои нави хамкорӣ ба имзо мерасанд, ки бахшхои мухими хамкории дучонибаро фаро мегиранд.
- Бешубха, дар байни ин хуччатхо аз хама мухим имзои Созишнома дар бораи хамкории шарикии стратегӣ аст, ки муносибатхои ду кишварро ба сатху сифати нав мебарорад. Ин тадбир хамчун рӯйдоди таърихӣ бозгӯйи чахду талошхои самимии мо барои тахкими дӯстии абадӣ ва хусни хамчаворӣ миёни Точикистону Ӯзбекистон мебошад, - иброз доштанд зимни мулокот Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон.
Сарвари давлат дар густариши робитахои дучониба ахамияти асосии рушди хамкории тичоративу иктисодии ду кишварро махсус зикр карданд, ки байни кишвархо динамикаи мусбати хамкории тичоративу иктисодӣ фарохам оварда шудааст.

Президенти мамлакат аз ду баробар боло рафтани хачми гардиши мол давоми солхои охир изхори каноатмандӣ намуданд. Пешниход гардид, ки барои дастгирии минбаъдаи

ин тамоюл бояд сохахои тичорати ду кишвар диверсификатсия карда шавад. Барои бехтар намудани шароити фаъолияти сармоягузорони точику ӯзбек бошад, хамгироии амик лозим аст.
- Иштироки фаъолонаи доираи сохибкорони Точикистону Ӯзбекистон дар намоишгоххои миллӣ ва анчуманхои сохибкорон дар худуди ду давлат мусбат ва саривактӣ аст, - таъкид доштанд Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон.
Дар ин замина, изхори эътимод шуд, ки намоишгохи “Истехсоли Точикистон” ва Форуми муштараки тичоратии Точикистону Ӯзбекистон, ки дар чахорчӯби сафари давлатӣ сурат мегиранд, ба густаришу тавсеаи робитахои тичоратии сохибкорони ду кишвар мусоидат хоханд кард.
Дар чараёни мулокот чонибхо чанбахои вокеии хамкории дучонибаро дар сохахои робитахои наклиётӣ, хамкорӣ дар сатхи минтакавӣ, истифодаи мачмӯи захирахои обу энергетика, амният ва мудофиа, инчунин, равобити фархангӣ ва гуманитариро баррасӣ намуданд.
Умумияти таъриху анъанахо ва хамсоягии мардумони мо муносибатхои зичи фархангию гуманитариро аз кабл мукаррар кардаанд. Диаспорахое, ки дар Точикистон ва Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд, ба муносибатхои мо хусусияти махсус медиханд. Дар робита ба ин, чанбаи мухими хамгирой дар сохаи гуманитарӣ фарохам овардани шароити мусоид барои аъзои иттиходияхои диаспораи кишвархоямон мебошад, - таъкид карданд Президенти Чумхурии Точикистон.
Дар рафти мулокот чонибхо мавзӯи тахдиду хатархои чахони муосирро, ки ба амнияти минтакавию байналмилалӣ халал ворид месозанд, мухокима карданд. Таваччухи махсус ба вазъи Афгонистони барои хар ду давлат хамсоя зохир карда шуд.
Дар ин замина, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон мухимияти вусъати минбаъдаи кӯшишхои хамачонибаи рушди комили хамкории минтакавӣ, тахкими фазои дӯстӣ, хамдигарфахмӣ ва хусни хамчаворӣ дар минтакаро таъкид намуданд.
Рушди хамкории ду кишвар дар арсаи байналмилалӣ, аз чумла дар доираи Созмони Милали Муттахид, Созмони Амният ва Хамкорӣ дар Аврупо, Иттиходи Давлатхои Мустакил, Созмони хамкории Шанхай ва дигар созмонхо, мухим арзёбӣ карда шуд.

## БА ИМЗО РАСИДАНИ САНАДХОИ НАВИ ХАМКОРӢ МИЁНИ ТОЧИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН

**Пас аз анчоми мулокоту музокироти сатхи олӣ дар хузур ва бо иштироки сарони давлатхо мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мухтарам Шавкат Мирзиёев маросими имзои санадхои нави хамкорӣ баргузор шуд, ки дар он 26 санад ба тасвиб расид.**
Эмомалӣ Рахмон ва Шавкат Мирзиёев Изхороти муштарак ва Ахднома оид ба шарикии стратегӣ байни Чумхурии Точикистон ва Чумхурии Ӯзбекистонро имзо карданд.
Сипас, дар хузури сарони давлатхо санадхои зерин имзо шуданд:
- Созишнома дар бораи хамкорӣ байни Федератсияи иттифокхои касабаи мустакили Точикистон ва  Федератсияи иттифокхои касабаи Ӯзбекистон;

- Ёддошти тафохуми хамкорӣ миёни Кумитаи телевизион ва радиои Чумхурии Точикистон ва Ширкати миллии телевизион ва радиои Чумхурии Ўзбекистон дар сохаи телевизион ва радио;
- Созишнома оид ба хамкорӣ байни Агентии миллии иттилоотии Точикистон “Ховар” ва Агентии миллии иттилоотии Ўзбекистон “ЎзА”;
- Созишнома байни макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилояти Хатлони Чумхурии Точикистон ва хукумати вилояти Сурхандарёи Чумхурии Ўзбекистон оид ба хамкорихои тичоратӣ - иктисодӣ, илмӣ - техникӣ ва фархангӣ - гуманитарӣ;
- Созишнома байни макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилояти Сугди Чумхурии Точикистон ва хукумати вилояти Самарканди Чумхурии Ўзбекистон оид ба хамкорихои тичоративу иктисодӣ, илмиву техникӣ ва гуманитарию фархангӣ;
- Созишнома байни Академияи илмхои Чумхурии Точикистон ва Академияи илмхои Чумхурии Ўзбекистон оид ба хамкорихои илмиву техникӣ;
- Ёддошти тафохум оид ба хамкорӣ байни Кумитаи дин, танзими анъана ва чашну маросими назди Хукумати Чумхурии Точикистон ва Кумитаи оид ба корхои дини назди Девони вазирони Чумхурии Ўзбекистон;
- Созишнома оид ба хамкорӣ дар сохаи карантини рустанӣ байни Кумитаи бехатарии озукаворӣи назди Хукумати Чумхурии Точикистон ва Инспексияи давлатии карантини рустании назди Девони вазирони Чумхурии Ўзбекистон;
- Созишнома байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Чумхурии Ўзбекистон оид ба хамкорӣ дар сохаи фарханг ва санъат ва Накшаи чорабинихо барои солхои 2018-2020;
- Созишнома байни Вазорати адлияи Чумхурии Точикистон ва Вазорати адлияи Чумхурии Ўзбекистон дар бораи хамкорӣ дар сохаи адлия;
- Ёддошти тафохум байни Кумита оид ба корхои чавонон ва варзиши назди Хукумати Чумхурии Точикистон ва Шӯрои марказии Иттиходи чавонони Ўзбекистон;
- Созишнома байни Агентии хизмати давлатии назди Президенти Чумхурии Точикистон ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Чумхурии Ўзбекистон оид ба хамкорихо дар самти тахсили хизматчиёни давлатӣ;
- Созишнома байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Чумхурии Ўзбекистон оид ба хамкорихо дар сохаи геодезия, харитасозӣ, заминсозӣ, кадастр ва мушохидаи фосилавии замин;
- Созишнома байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Чумхурии Ўзбекистон оид ба хамкорихои харбиву техникӣ;
- Созишнома байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Чумхурии Ўзбекистон оид ба эътирофи мутакобилаи хуччатхои намунаи давлатӣ оид ба тахсилот;
- Созишнома байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Чумхурии Ўзбекистон оид ба хамкорӣ дар сохаи такмили ихтисоси омӯзгорон ва бозомӯзии кормандони сохаи маориф;
- Созишнома оид ба хамкорӣ доир ба васлу насби техникаи кишоварзӣ байни Корхонаи вохиди давлатии “Коргохи мошинсозӣ” - и Вазорати саноат ва технологияхои нави Чумхурии Точикистон ва Чамъияти сахомии “Узагротехсаноатхолдинг”;
- Протокол оид ба мубодилаи ёддоштхо дар хусуси ратификатсияи Шартнома оид ба китъахои алохидаи сархади давлатии Точикистону Ўзбекистон;
- Созишнома байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Чумхурии Ўзбекистон дар бораи пешниходи мутакобилаи минтакаи замин барои чойгиркунии Сафорати

Чумхурии Точикистон дар Чумхурии Ӯзбекистон ва Сафорати Чумхурии Ӯзбекистон дар Чумхурии Точикистон;
- Протокол оид ба ворид намудани илова ба Созишнома байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Чумхурии Ӯзбекистон дар бораи гузаргоххои сархади давлатӣ аз 12 феврали соли 2002;
- Ёддошти тафохум доир ба хамкорӣ миёни Чамъияти дӯстӣ ва робитахои фархангии Точикистон ва Кумитаи муносибатхои байни миллатхо ва робитахои дӯстона бо кишвархои хоричии назди Девони вазирони Чумхурии Ӯзбекистон;
- Созишнома оид ба хамкорӣ байни Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Хукумати Чумхурии Точикистон (Точикстандарт) ва Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсияи Чумхурии Ӯзбекистон (Ӯзстандарт);
- Созишнома байни Саридораи геологияи назди Хукумати Чумхурии Точикистон ва Кумитаи давлатии Чумхурии Ӯзбекистон оид ба геология ва захирахои минералӣ барои гузарондани корхои иктишофию геологӣ дар майдонхои наздисархадӣ;
- Ёддошти тафохум оид ба хамкорӣ дар сохаи сиёсати зиддиинхисорӣ ва химояи хукуки истеъмолкунандагон байни Хадамоти зиддиинхисории назди Хукумати Чумхурии Точикистон ва Кумитаи давлатии Чумхурии Ӯзбекистон доир ба мусоидат ба корхонахои хусусигардондашуда ва рушди ракобати;
Баъди анчоми маросими имзои санадхо сарони давлатхо мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва Шавкат Мирзиёев барои доираи васеи хабарнигорон нишасти матбуотӣ ороста, натичахои мулокоти сатхи олиро барои тахкиму тавсеаи муносибатхои дӯстӣ, бародарӣ, хамсоягӣ ва хамкорӣ неку назаррас арзёбӣ намуданд.

## БОЗДИД АЗ НАМОИШГОХИ “ИСТЕХСОЛИ ТОЧИКИСТОН”

**Нимаи дуюми рӯзи 17 август дар доираи сафари давлатии Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон дар Чумхурии Ӯзбекистон, сарони давлатхо мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мухтарам Шавкат Мирзиёев аз Намоишгохи молу махсулоти миллии Точикистон тахти унвони “Истехсоли Точикистон” боздид карда, бо намунаи дастовардхои арзандаи корхонаву ширкатхои истехсолии мамлакат, ки айни замон дар бозори минтака ва чахон мавкеи бештарро пайдо кардаанд, шинос шуданд.**
Дар намоишгох зиёда аз 60 корхонаи азими саноатии Чумхурии Точикистон, аз кабили Ширкати “Талко гурӯх”, чамъиятхои дорои масъулияти махдуди “Гайюр семент” ва “Мохир семент”, Ширкати “Фароз”, Чамъияти сахомии пӯшидаи “Шири Душанбе”, Корхонаи вохиди давлатии “Ангишт”, “Намаки Ашт ва Хочамуъмин”, Чамъияти дорои масъулияти махдуди “Колинхои Кайроккум”, Чамъияти дорои масъулияти махдуди “Амирӣ”, Чамъияти дорои масъулияти махдуди “Маколли”, Чамъияти сахомии пӯшидаи “Оби зулол”, инчунин, дигар корхонахои бузурги ватании сохахои саноати маъдан, хӯрокворӣ, мошинсозӣ, мудофиа ва химия, масолехи сохтмонӣ, ангишт ва саноати сабук ширкат варзиданд, ки махсулоти истехсоли Точикистонро бо шиори “Дар Точикистон истехсол шудааст” ба маъраз гузоштанд.
Намояндагони зиёда аз 50 корхонаю ширкатхои ватанӣ, хамчунин, молу махсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигарондашуда, аз кабили махсулоти ресандагию

бофандагӣ, нўшокихои ташнагишикан, кисмхои эхтиётии мошин, анвои хўроквroutӣ,
махсулоти ширӣ ва гуштӣ, консерваи меваю сабзавот, меваи хушк, машрубот, нон ва махсулоти нонӣ, каннодӣ, чарм, масолехи сохтмон, алюминий, пластикӣ, матоъ, либос, пойафзол, заргарӣ, адрасу атлас, дару тиреза, мизу курсихо ва рахти хоб барои беморхонахо ва чевонхо, профил ва трубахои металлӣ, нокилхои пастшиддат ва баландшиддат, намунаи хунархои дастии занону духтарон ва дигар молу ашёро ба намоиш гузоштанд.
Хамзамон, дар намоишгох дастовардхои сохаи сайёхии мамлакат, захирахои об, дорусозӣ ва тандурустӣ, энергетика, кишоварзӣ ва махсулотхои дастранчи хунармандони мардумӣ ба сарони давлатхо муаррифӣ шуданд.
Тавре маълум аст, дар даврони сохибистиклолӣ дар асоси дастуру хидоятхои бевоситаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон то ба имрўз барои ба кор андохтани иктидорхои нав дар сохаи саноат ва истифодаи самараноки корхонахои мавчуда, ба рох мондани истехсоли махсулоти ракобатпазир ва ивазкунандаи воридот, таквияти имкониятхои содиротии кишвар ва, умуман, дар самти ичрои барномахои стратегии мамлакат тадбирхои судманд амалӣ гардидаанд.
Ба шарофати сиёсати бобарори Хукумати кишвар рушди сохахои вокеӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ, чалби сармояи мустаким ва воридоти технологияхои нави инноватсионӣ имкон фарохам овард, ки раванди саноатикунонии мамлакат густариш пайдо карда, хачми истехсоли махсулоти саноатӣ ва шумораи чойхои нави корӣ мунтазам афзоянд.
Дар шаш мохи соли 2018 корхонахои саноатӣ ба маблаги 10 миллиарду 414 миллион сомонӣ махсулоти саноатӣ истехсол намуданд, ки нисбат ба хамин давраи соли 2017 1 миллиарду 862 миллион сомонӣ зиёд ва суръати афзоиш 117 дарсад таъмин карда шуд.
Барои дар амал татбик кардани хадафи стратегии Хукумати чумхурӣ - саноатикунонии кишвар, яъне аз кишвари аграрӣ - саноатӣ ба индустриалӣ-аграрӣ табдил додани Чумхурии Точикистон, намояндагони корхонахои азими тавлидкунандаи маводи хўроквorӣ, коркарду бастабандии махсулоти кишоварзӣ, ресандагию бофандагӣ, алюминӣ, маъданхои кўхӣ ва масолехи сохтмонӣ чахду талош меварзанд. Натичаи хамин аст, ки дар дохили мамлакат ашёи хом то хадди нихоӣ коркард шуда, бо тамгаи истехсоли Точикистон ба хоричи кишвар содирот мешавад.
Дар намоишгохи “Истехсоли Точикистон”, хамчунин, даххо намуди матои атласу адрас ва дигар намунаи хунари дастии занону духтарон, ба таври шоиста муаррифӣ карда шуд.
Сифати баланди молу махсулоти истехсоли Точикистон имконият фарохам овард, ки дар бозори дохил ва хорич мизочони бештар пайдо шаванд. Зеро эътимоди харидор ба сифати махсулот яке аз талаботи асосӣ дар рохи муваффак шудани корхонахо ба хисоб меравад.
Истехсолоти саноатӣ - пешбарандаи иктисоди миллӣ, таъминкунандаи шугли ахолӣ, сарчашмаи даромади Бучети давлатӣ ва, дар мачмўъ, омили мухимтарини халли масъалахои ичтимоӣ мебошад. Иштироки фаъоли саноатчиёни Точикистон дар намоишгохи молу махсулот дар Ўзбекистон шаходати рушду пешрафти соха мебошад.
Натичаи мухими ин намоиш, пеш аз хама, дарёфти шарикони боэътимод мебошад.
Сохибкорони Точикистон бо муаррифии молу махсулоти хеш, инчунин, барои чалби сармоя ва таъсиси корхонахои муштарак бо доираи сохибкорону точирони Ўзбекистон хамкорӣ менамоянд.

## ТАШРИФ БА КОРХОНАИ ИСТЕХСОЛИ ТЕХНИКАИ МАИШӢ ВА ЭЛЕКТРОНИКАИ “АРТЕЛ” - И ЧУМХУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

**17 август дар доираи сафари давлатӣ дар Чумхурии Ўзбекистон Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо Президенти Чумхурии Ўзбекистон мухтарам Шавкат Мирзиёев аз Корхонаи истехсоли техникаи маишӣ ва электроникаи “Артел” боздид ба амал оварда, бо фаъолияти ин коргохи саноатӣ шинос шуданд.**

Ба Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон иттилоъ доданд, ки корхонаи “Артел” соли 2011 таъсис ёфта, асосан барои хочагии халки ин кишвар тачхизоти электрикии рўзгорро истехсол менамояд.

Шумораи коргарони корхона то имрўз беш аз 7400 нафар коргарони мухандисӣ-техникиро ташкил медихад.

Масохати умумии корхона 600 хазор метри мураббаъро ташкил дода, аз 9 коргохи дар тамоми каламрави чумхурӣ фаъолияткунанда иборат мебошад. Иктидори истехсолии онхо зиёда аз 5 миллион дона техникаи маишӣ ва 10 миллион адад лампахои каммасрафи баркӣ буда, дар мачмўъ 500 номгўи махсулот баровarda мешавад.

Махсулоти истехсолшуда ба бозори дохилӣ ва ба кишвархои Точикистон, Озарбойчон, Арманистон, Беларус, Гурчистон, Казокистон, Киргизистон ва дигар давлатхо содирот мегардад.

## ИШТИРОК ДАР БАРНОМАИ ФАРХАНГИИ ХОДИМОНИ САНЪАТИ ТОЧИКИСТОН ВА ЎЗБЕКИСТОН ТАХТИ УНВОНИ “ШОМИ ДЎСТӢ”

**17 август дар доираи сафари давлатии Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон дар Чумхурии Ўзбекистон сарони давлатхо мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва Шавкат Мирзиёев дар Касри хамоишхои байналмилалии “Ўзбекистон” дар барномаи фархангии ходимони санъати Точикистон ва Ўзбекистон тахти унвони “Шоми дўстӣ” иштирок ва суханронӣ карданд.**

Чорабинӣ бо суханронии сарони давлатхо огоз гардид.

Президенти Чумхурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев мехмони олимаком ва хайати бонуфузи Точикистонро ба Ўзбекистон хайрамакдам гуфта, ташрифи онхоро кадами мухиму устувор дар рохи тахкиму тавсеа ва таъмики муносибатхои неки хамчаворӣ арзёбӣ намуданд.

Зимни суханронии худ Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон аз пазироии гарму самимӣ, дўстона ва бародаронаи Президенти Чумхурии Ўзбекистон ва мардуми ўзбек изхори хушхолӣ ва сипосу кадрдонӣ карданд.

Дар баромади худ сарони давлатхо оид ба идомаи анъанаи неки муносибатхои дўстӣ, бародарӣ, хамсоягӣ, хешутаборӣ ва рушду густариши хамкории гуногунчанба ба манфиати мардумони хар ду кишвар андешаронӣ карда, баргузории консерти устодони санъати Точикистону Ўзбекистонро тахти унвони “Шоми дўстӣ” намунаи бехтарини хамкории фархангӣ маънидод намуданд.

Консерти тантанавии “Шоми дўстӣ” бо барномаи рангину пурмухтавои ахли фархангу

санъати ду кишвар, ки тараннумкунандаи дӯстии мардумони Точикистону Ӯзбекистон мебошад, хушу хотирмон идома ёфт.

## МАРОСИМИ СУПУРДАНИ МУКОФОТИ ДАВЛАТИИ ЧУМХУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ОРДЕНИ “ЭЛ ЮРТ ХУРМАТИ” БА ПЕШВОИ МИЛЛАТ

17 августи соли 2018 дар доираи сафари давлатии Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон дар Чумхурии Ӯзбекистон Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо Фармони Президенти Чумхурии Ӯзбекистон мухтарам Шавкат Мирзиёев “Барои сахми сазовори шахсӣ дар тахкими робитахои бисёрасраи дӯстӣ, таъмики муносибатхои неки хамсоягӣ ва хамдигарфахмӣ, тавсеаи робитахои гуногунчанбаи фархангӣ ва гуманитарӣ байни халкхои бародари ӯзбеку точик, барои хизматхои бузург дар рушди хамкории самарабахши чумхурихои Ӯзбекистон ва Точикистон ба манфиати наслхои имрӯзу оянда, ташаббусхои самаранок барои таъмини сулх, амният ва субот дар минтакаи мо” бо Мукофоти олии давлатии Чумхурии Ӯзбекистон ордени “Эл Юрт Хурматӣ” сарфароз гардонда шуданд.

## МУЛОКОТ БО РАИСИ ПАЛАТАИ КОНУНБАРОРИ МАЧЛИСИ ОЛИИ ЧУМХУРИИ ӮЗБЕКИСТОН НУРИДИН ИСМОИЛОВ

**18 август дар доираи сафари давлатӣ дар Чумхурии Ӯзбекистон Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо Раиси палатаи конунбарори Мачлиси Олии Чумхурии Ӯзбекистон Нуридин Исмоилов мулокот карданд.**

Зимни мулокот масъалахои мухими хамкории ду кишвар баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо итминон иброз доштанд, ки натичахои ин сафар ва мулокоту музокироти сатхи олӣ омили мухим барои рушди муносибатхои ду кишвар мегардад.

Таъкид гардид, ки хамкории имрӯза бо сатху сифат ва рушди босубот дар хама сохахо афзалияти бештарро касб мекунад, зеро он бахшхои сиёсӣ, тичоратию иктисодӣ ва фархангию гуманитарии барои хар ду чониб судмандро фарогир аст.

Чонибхо хавасмандии худро барои тахкими робитахои байнипарлумонӣ, аз чумла  чоннок кардани фаъолияти гурӯхи дӯстии байнипарлумонӣ ва табодули тачрибаро дар самти конунгузорӣ, иброз доштанд.

Таъмики хамкорӣ дар бахшхои ояндадори иктисодӣ, фархангӣ, илму маориф, харбиву техникӣ, тичоратию иктисодӣ, наклиётию транзитӣ, инчунин, амниятӣ ба хотири таъмини амну субот дар минтака, аз самтхои афзалиятноку барои мардумон судманд, зарур шумурда шуд.

Дар мулокот, хамчунин, дигар масъалахои мавриди таваччухи чонибхо баррасӣ шуд.

Дар охир Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон аз Раиси палатаи конунбарори Мачлиси Олии Чумхурии Ӯзбекистон Нуридин Исмоилов даъват ба амал оварданд, ки дар вакти муносиб ба Точикистон ташриф оранд.

## МУЛОКОТ БО САРВАЗИРИ ЧУМХУРИИ ӮЗБЕКИСТОН АБДУЛЛО ОРИПОВ

**18 август дар шахри Тошкент дар доираи сафари давлатӣ, хамчунин, мулокоти Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо Сарвазири Чумхурии Ӯзбекистон Абдулло Орипов баргузор шуд.**

**Дар мулокот масъалахои рушду густариши муносибатхои дӯстию хамкории Точикистону Ӯзбекистон мавриди баррасӣ карор дода шуд.**

Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон аз сатхи феълии робитахои дучониба изхори каноатмандӣ карда, ба Абдулло Орипов, хамраиси Комиссияи байнихукуматӣ оид ба рушд ва тахкими робитахои миёни Точикистону Ӯзбекистон, барои сахми сазовор дар густариши муносибатхои хамкорӣ бахои арзанда доданд.

Сарвари давлат таъкид доштанд, ки дар мулокоти сатхи олӣ байни ду кишвар мушкилоти мавчудаи масъалахои хамкорӣ халли худро пайдо кард ва мо ният дорем барномахои минбаъдаи хамкориро бо наздиктарин хамсоямон дар шакли шарикии стратегӣ тахия намоем.

Чонибхо, хамчунин, масъалахои хамкорӣ дар самтхои таъмини амнияти озукаворӣ, рушди истехсоли саноатӣ, тахкими робитахои бахши кишоварзӣ, тухмипарварӣ, чорводорӣ, парандапарварӣ, истифодаи нурихои минералӣ дар бахши кишоварзӣ, хамкорӣ дар бахши туризм, дар сохаи илму маориф, чудо кардани квотахо барои донишчӯёни ду кишвар ва масъалахои мубрами мавриди таваччухи тарафайнро мавриди баррасӣ карор доданд.

## ЗИЁРАТИ ОРОМГОХИ АВВАЛИН ПРЕЗИДЕНТИ ЧУМХУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ИСЛОМ КАРИМОВ

**18 август дар доираи сафари давлатӣ дар Чумхурии Ӯзбекистон Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон аз шахри Тошкент ба шахри Самарканд ташриф оварда, чойхои таърихию мукаддаси ин шахри бостониро тамошо карданд.**

Дар Фурудгохи байналмилалии шахри Самарканд Сарвари давлатро намояндагони воломакоми Хукумати Чумхурии Ӯзбекистон истикбол гирифтанд.

Ташрифи Сарвари давлат дар шахри Самарканд аз зиёрати оромгохи аввалин Президенти Чумхурии Ӯзбекистон шодравон Ислом Каримов огоз гардид.

Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва Президенти Чумхурии Ӯзбекистон мухтарам Шавкат Мирзиёев бо нишони эхтиром ва кадршиносӣ дар назди маркади шодравон Ислом Каримов гулчанбар гузошта, бо дуову фотехаи нек рӯхашро шод карданд.

## БОЗДИД АЗ МАВЗЕЪХОИ ТАЪРИХИИ ШАХРИ САМАРКАНД

**Дар шахри бостонии Самарканд Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо Президенти Чумхурии Ӯзбекистон мухтарам Шавкат Мирзиеёв, хамчунин, аз Расадхонаи ба номи Мирзо Улугбек, Осорхонаи “Афросиёб”, оромгохи Амир Темур ва майдони**

**“Регистон” боздид ба амал оварда, бо таърихи бою рангини ин марказхои кадима шиносой пайдо карданд.**
Тавре маълум гардид, Расадхонаи ба номи Мирзо Улугбек соли 1428 сохта шуда, кисми асосии он аз девор бо худуди 40 метр ва бо кисми кории аз 20 то 80 дарача иборат буд.
Дар Расадхонаи ба номи Мирзо Улугбек соли 1437 Кӯргон - номгӯи осмони ситоразор тартиб дода шуда, дар он 1018 ситора дарч гардидааст. Дар хамин чо дарозии соли ситоравӣ 365 рӯзу 6 соату 10 дакика бо хатоии 58 сония муайян карда шудааст.
Дар планетария дар тахтаи махсус номи Мирзо Улугбек дарч гардидааст ва ӯ дар чахон хамчун донишманди илми астрономӣ маълум аст.
Расадхонаи ба номи Мирзо Улугбек аз иншоотхои мухимтарини асрхои миёна мебошад, ки дар теппаи Кӯхаки атрофи Самарканд сохта шудааст.
Дар Осорхонаи “Афросиёб” Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо нигорахои кадимаву нодири он шинос шуданд.
Манзилгохи Осорхонаи “Афросиёб”, аз рӯи маълумоти сарчашмахои таърихӣ, дар баробари Мароканд - пойтахти Сугдиён кадимтарин ба шумор меравад. Афросиёб тибки «Шохнома» - и Фирдавсӣ шохи Тӯрон буд.
Дар шахри Самарканд Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо таваччух ба таърихи кадимаи ин шахри бостонӣ майдон ва ансамбли ёдгории “Регистон” - ро тамошо карданд.
Ин ёдгорӣ аз мадрасахои “Улугбек”, “Тиллокорӣ” ва “Шердор” иборат мебошад ва он имрӯзхо ба макони сайру саёхати сокинон ва сайёхон мубаддал гардидааст. Майдони “Регистон” ба асрхои XV-XVI тааллук дорад.
Макони дигари таърихие, ки дар доираи сафари давлатӣ Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон аз он боздид ба амал оварданд, оромгохи Амир Темур мебошад.
Ёдгорӣ соли 1404 аз чониби Амир Темур барои набераи дӯстдоштааш Мухаммад Султон сохта шудааст. Сохтмони макбара, баъди марги нобахангоми Султон Мухаммад, меросхӯри Амир Темур ва набераи дӯстдоштаи ӯ, соли 1403 огоз гардида буд.
Бунёди макбараро набераи дигари Амир Темур Улугбек ба охир расонд. Дар вакти хукмронии Темур макбара ба оромгохи сулолаи Темуриён табдил ёфт.
Дар ин чо оромгохи Амир Темур, Мирзо Улугбек, Мухаммад Султон, Саид Умар, Шохрух Мирзо, Мироншох, Абдулло Мирзо, Абдурахмон Мирзо ва устоди Темур - Мир Саид Барака мавчуд аст. Дар атрофи он хонаву хавлихои зиёде сохта шуда буд.
Девори он бо сангхои майда-майдаи сафеду кабуди баланд оро дода шудааст, ки аз нурхои офтоб чило медихад.
Дар даруни макбара санги сари кабрии Амир Темур вокеъ аст ва худи оромгох аз санги мармару оникс ва кисми болоии он аз санги яклухти нефрит бунёд шудааст.
Кабри асосӣ бошад, дар кисми поёнии макбара чойгир шудааст.
Дар даромадгохи оромгох навиштачоти “Макбараи Амир Темур. Асрхои XIV-XV” хаккокӣ шудааст.